# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» ба он алоқамандӣ дорад, ки новобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва инкишофи соҳаи тиб ягон давлати дунё дар танҳоӣ натавонист, ки худро аз паҳншавии сирояти COVID-19 ҳифз намояд. Зарари иқтисодӣ ва талафоти ҷоние, ки бемории COVID-19 ба амал овард, ҷомеаи ҷаҳониро водор намуд, ки дар ҳамбастагӣ қонуниятҳои паҳншавӣ, механизмҳои патогенетикӣ, роҳҳои пешгирӣ ва табобати онро омӯзанд.

То имрӯз оиди хусусиятҳои биологӣ, сохтори молекулавӣ, паҳншавӣ ва роҳҳои сироятёбӣ бо вируси SARS-CoV-2 олимони дунё таҳқиқотҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд ва ин боис гашт, ки дар роҳи мубориза алайҳи ин бемориӣ инсоният ба комёбиҳои назаррас ноил гардад.

Новобаста аз ин то имрӯз омӯзиши масъалаҳои тағйиротҳо дар нишондиҳандаҳои лабораторӣи клиникӣ ва биохимиявӣ, газҳои хун, лахташавии хун, формулаи лейкотситарӣ ва таҳлилҳои биохимиявии хун, аҳамияти онҳо дар пешгӯии оқибатҳои беморӣ муҳим боқӣ мемонад.

Азизӣ Нигора Насрулло соли 2017 ба факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ихтисоси биолог омӯзгор дохил шуда, онро соли 2021 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда ба шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи биохимия ва генетика, аз руи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия қабул шудааст. Азизӣ Н.Н. аз 5.09 соли 2024 ба ҳайси сардори шуъбаи таълим дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор” фаъолият мекунад.

Диссертатсияи Азизӣ Н.Н. дар ҳаҷми 148 саҳифа пешниҳод гардида, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, 4 боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт, ки 148

адад (35 ватанӣ ва 113 хориҷӣ) мебошанд, иборат аст. Кор бо 8 ҷадвал, 6 расм ва 26 диаграмма тасвир шудааст.

Дар муққадима оид ба муҳимияти мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот ва нуқтаҳои асосӣ ба ҳимоя пешниҳодшаванда маълумот оварда шудааст.

Боби якум (Шарҳи адабиёт) аз 6 зербоб иборат буда, дар он маълумотҳои илмӣ бо истифодаи зиёда аз 148 адад адабиёти илмӣ, аз ҷумла 31 адад ватанӣ ва 117 адад хориҷӣ доир ба сохтори молекулавӣ, таснифот, хусусиятҳои биологӣ, паҳншавӣ, роҳҳои сироятёбӣ ва ташхиси вируси SARS-CoV-2, паҳншавии вируси SARS-CoV-2 дар дунё, роҳҳои асосии сироятёбӣ бо вируси SARS-CoV-2, ташхиси бемории COVID-19 ва тағйиротҳои нишондиҳандаҳои лаборатории хун дар беморони COVID-19 оварда шудааст.

Боби дуюм (Мавод, объект, шароит ва усулҳои таҳқиқот) аз 4 зербоб иборат буда, дар он маълумот оид ба мавод, объект, шароит ва усулҳои таҳқиқот, аз ҷумла усулҳои муайян намудани таркиби газҳо ва ионҳои хуни шараёнӣ, усулҳои гематологии санҷиши таркиби хуни канорӣ, усулҳои ҳисоб намудани ҳуҷайраҳои хун, формулаи лейкотситарӣ, усулҳои таҳқиқи системаи лахташавии хун ва усулҳои таҳқиқи таркиби биохимиявии хун оварда шудааст. Таҳқиқҳои дар боло зикргардида бо истифодаи муосиртарин усулҳо ва таҷҳизот гузаронида шудаанд, ки ин аз сифати баланди иҷроиши таҳқиқоти илмӣ дарак медиҳад. Таҳқиқот омӯзиши тағйиротҳо дар таҳлилҳои клиникӣ ва биохимиявии беш аз 100 нафар беморони COVID-19 – ро фаро гирифтааст, ки давоми ҷараёни пандемия дар беморхонаҳои шаҳри Душанбе табобат мегирифтанд.

Боби сеюм (Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун ҳангоми бемории COVID-19) аз 5 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур маълумотҳои илмӣ оид ба натиҷаи санҷишҳои тағйирёбии газҳои таркиби хун ва ҳолати атсидию асосӣ дар беморони COVID-19, электролитҳо, нишондиҳандаҳои хуни канорӣ, системаи лахташавии хун, тағйирёбии нишондодҳои биохимиявии хун ҳангоми COVID-19 оварда шудааст. Дар хулосаи боби мазкур натиҷаи таҳқиқотҳои ба даст овардашуда аз таҳлили илмӣ бароварда шудаанд.

Дар боби чорум (Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот) натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда зери таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ нишон додаанд, ки бо мурури вазниншавии ҳолати беморон, ҷараёни атсидоз зиёд мегардад. Дар хуни беморон вобаста ба дараҷаи вазнинии беморӣ пастшавии фишори парсиалии PO2 мушоҳида мешавад. Дар беморони COVID-19 босуръат зиёдшавии лейкотситҳо ба амал меояд, дар байни лейкотситҳо нейтрофилҳо зиёда аз 90%-ро ташкил медиҳанд.

Омӯзиши индексҳои лейкоситӣ дар беморони COVID-19 нишон дод, ки ин нишондиҳандаҳо аҳамияти баланди ташхисӣ дошта, дараҷаи баланди заҳролудӣ, вазнинии беморӣ ва самаранокии табобатро инъикос менамоянд. Омӯзиши индексҳои лейкотситӣ баъди 1 моҳи бемории COVID-19 аз он шаҳодат медиҳад, ки гарчанде ҷараёнҳои патологӣ дар гурӯҳи беморони пасттар гардида бошанд ҳам, вале дар беморони дараҷаи миёнавазнин ва вазнин ҳанӯз ба таври боварибахш баланд боқӣ мемонад.

Дар беморони COVID-19 вақти умумии лахташавии хун нисбати меъёр ду маротиба кӯтоҳ гардида, вақти протромбинӣ, таносуби меъёри байналмилалӣ, вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ ва миқдори он ба таври боварибахш кӯтоҳ гардидааст, миқдори фибриноген бошад нисбати меъёр зиёд гардидааст. Яке аз оризаҳои вазнинтарини бемории COVID-19 фаъолшавии системаи лахташавии хун буда, хатари тромбҳосилшавӣ ниҳоят баланд мебошад.

Ҳангоми бемории COVID-19, дар баробари осеббинии ҳуҷайраҳои роҳҳои нафас ва шушҳо, инчунин осеббинии ҳуҷайраҳои ҷигар низ ба мушоҳида расид. Дар аксари беморон фаъолии баланди ферментҳои аминотрансферазаҳо ба мушоҳида расидааст. Баландшавии миқдори билирубин аз меъёр дар 10,6% беморон мушоҳида гардидааст.

Дар охир дар асоси натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ муаллиф тавсияҳои муфидро барои беҳтар намудани натиҷаи ташхису табобати беморони COVID-19 пешниҳод намудааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои ассосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» ба талаботи Тартиб

додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04-Биохимия барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Мудири ташхисгоҳи клиникӣ ва биохимиявии
МД “Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология” и
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои биологӣ /________/ Шамсудинов Ш.Н.
«04» ____03____ 2025

Суроға: Индекс, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нусратулло Махсум 106/3 – 29.
Телефон: (+992) 935085614.
E-mail: mexruboni@mail.ru.

Имзои Ш.Н. Шамсудиновро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои МД
“Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология” - и
ВТ ва ҲИА ҶТ / ________ / А.Н. Ниязов
«06» ____03____ 2025